**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ дар мавзуи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991–2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ). – Душанбе, 2025.**

Муносибатҳои дӯстонаи давлатҳо дар соҳаи энергетика, махсусан гидроэнергетика ба самти ҳалли вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии онҳо нигаронида шудааст. Хусусияти он дар манфиати муштарак таҷассум меёбад, ки бо мавқеъгирии сиёсиашон мувофиқ буда, ҷонибҳо дар таъмини амнияти энергетикии байналхалқӣ, минтақавӣ ва миллӣ манфиатдоранд. Ҳамкории энергетикию сиёсии наздик бештар миёни кишварҳои болооб ва поёноб дар доираи созишҳои ҳосилшуда амалӣ мешавад. Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар таъмини манфиатҳои миллӣ ва давлатии кишварҳои минтақа нақши боризро мебозад. Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар низоми муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо кишварҳои дигар мавқеи хос дошта, аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии кишвар эътироф шудааст. Аз лаҳзаи ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз бо кишварҳои минтақа муносибатҳои гуногунҷанба, гуногунсатҳа ва гуногунсамтаи худро ба роҳ мондааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» ба ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ) пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқ.** Диссертатсияи Алимардонзода З.Ф. низ ба масъалаи ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бахшида шуда, дар шароити имрӯза аз нигоҳи муҳиммияти худ мубрам мебошад.

Андешаҳои муаллиф дар боби мубрамии мавзуи интихобшуда (саҳифаҳои 5-8) ҷолиби дастгирӣ мебошанд. Муаллифи рисола дуруст қайд менамояд, ки пажуҳиши ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар шароити таҳаввулоти иқтисодӣ ва ҳамгироии кишварҳои соҳибистиқлоли минтақа аҳаммияти илмӣ-амалиро касб кардааст. Зеро энергетика як қисми муҳимми иқтисоди миллии кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Соҳаи энергетика яке аз фаъолиятҳои хоҷагидорӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ мебошад, ки захираҳои он, истеҳсол, интиқол, нигоҳдорӣ ва тақсимоти намудҳои гуногуни энергияро дар бар мегирад.

Мубрамии диссертатсияи таҳқиқшавандаро муаллиф бо ҳолати зер асоснок мекунад: таҳқиқи роҳҳои рушд ва пешрафти истифодаи захираҳои энергетикӣ, махсусан, гидроэнергетикӣ, бо дарназардошти омилҳои геополитикӣ, иқтисодӣ ва экологӣ, метавонад ба таҳияи хулосаҳои илмии асоснок дар ин самт мусоидат намояд. Таҳияи стратегияи ҳамкориҳои энергетикӣ бо кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ, ки дар он ҳамкории судманд ва ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон ба назар гирифта шавад, вазифаи илмиест, ки ниёз ба таҳқиқоти амиқ ва муносибати ҳамгироӣ дорад. Ин гуна таҳқиқот метавонад дар шароити афзоиши талабот ба энергия ва зарурати рушди устувори кишварҳои Осиёи Марказӣ, роҳҳои ҳалли мураккаби масоили энергетикиро пешниҳод кунад.

**Дараҷаи омӯзиш ва навгонии натиҷаҳои таҳқиқот.** Бо дарназардошти сатҳи таҳқиқи илмии мавзуъ (саҳифаҳои 8-14), хусусан аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ, маълум мегардад, ки масъалаи ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ зарурат ба таҳлили алоҳида дорад, зеро дар самти ҳамкориҳо то

ба ҳол паҳлуҳои зиёди ҳалношуда боқӣ мондаанд. Маҳз онҳо дар ҷаҳони имрӯза раванди татбиқ ва амалисозии чунин самти ҳамкориҳоро мушкил месозанд, масалан масъалаи идоракунии захираҳои гидроэнергетикии минтақа аз ин шаҳодат медиҳад.

Аз ин рӯ, муаллиф барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда вазифаҳои дурустро дар назди худ монда, онҳоро, чӣ тавре ки мазмуну мундариҷаи рисолаи диссертатсионӣ нишон медиҳад, ҳал намудааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар саҳифаи 17 оварда шудааст, аз нигоҳи ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ аз аҳаммият холӣ нестанд. Дар ин радиф бояд қайд намуд, ки муаллиф баррасии мавзуи интихобшударо маҳз дар доираи категорияҳои таърихи- муносибатҳои байналмилалӣ гузаронидааст, ки ин тарзи дурусти ҳалли масъала мебошад.

**Асоснокkунӣ ва эътимоднокии хулосаю натиҷаҳои таҳқиқот**. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо он собит мешаванд, ки дар омӯзиши мавзуъ ва таҳқиқу таълифи диссертатсия назарияҳои таърихнигорони ватанию хориҷӣ мавриди истифодаи васеъ қарор гирифтааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, истифодаи зиёди сарчашмаҳо ва истифодаи осори илмии муҳаққиқони самти мавзуъ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулосаву тавсияҳои ҳар боб дар асоси омӯзишу таҳлили илмии сарчашмаву осори илмии муҳаққиқон нишон дода шудааст.

Қайд кардан лозим аст, ки раванди ташаккули низоми ҳамкориҳои гидроэнергетикии минтақаи Осиёи Марказӣ дар қаринаи муносибатҳои Тоҷикистон ва кишварҳои минтақа айни ҳол ба охир нарасидааст. Ташаккули ҳамкориҳо дар самти таъмини амнияти энергетикӣ, идоракунии захираҳо, тақсимоти одилона, ва обёрӣ яке аз самтҳои муҳимми ҳамкориҳои гидроэнергетикии ҷонибҳо дар сатҳҳои гуногун ба шумор мераванд. Гуфтаҳои боло далели он аст, ки ҳоло ҳам роҳҳои

бунёдии нави ҳамкорҳои энергетикии ҷонибҳо ҷиҳати ташаккули низоми интиқоли нерӯи барқ дар Осиёи Марказӣ ҷустуҷӯ шуда истодаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Дар ин радиф, диссертатсияи анҷомдодаи Алимардонзода З.Ф. бамаврид мебошад, чунки ба яке аз мавзуъҳои мубрам – ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Ҳамзамон, бояд фаромӯш нашавад, ки масъалаи зикршуда ҳамчун қисми таркибӣ ва муҳим дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудааст. Аз ин нигоҳ, муаллиф дуруст ба самтҳои асосии ҳамкориҳои гидроэнергетикии дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ диққати зиёд додааст (саҳифаҳои 21-178).

Боби якумро муаллиф **«Бунёди комплекси гидроэнергетикии Тоҷикистон, вижагиҳо ва аҳаммияти он дар низоми энергетикии Осиёи Марказӣ»** номгузори карда, масъалаҳои баррасишавандаи онро ба се зербоб ҷудо намудааст. Дар зербоби якум масъалаи захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қиёс ва ҳамоҳангӣ бо дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ иҷмолан таҳқиқ ва баррасӣ гардидааст. Зербоби дуюми боби аввал, ба масъалаи бунёди комплекси гидроэнергетикӣ дар Тоҷикистон ва аҳаммияти он дар рушди хоҷагии халқи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Дар зербоби сеюми боби аввал, муаллиф қайд менамояд, ки дар партави сиёсати иқтисодии Ҳукумати кишвар ва зери роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон новобаста аз мушкилоти солҳои аввали даврони истиқлол фаъолияти соҳаи энергетикаи кишвар беҳтар гардида, комплекси сӯзишворию энергетикии ҷумҳурӣ рушду такомул ёфт.

Боби дуюмро докторант ба таҳқиқи **«Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар рушди соҳаи гидроэнергетика»** бахшида, онро низ ба се зербоб тақсим намуда, дар зербоби якум, масоили захираҳои обии Осиёи Марказӣ ва мушкилоти иқтисодии истифодаи онҳо таҳқиқу баррасӣ гардидааст. Дар зербоби

дуюм, масоили ҳамкориҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар самти сармоягузорӣ ва истифодаи неруи зеҳнӣ дар соҳаи гидроэнергетика таҳқиқу баррасӣ гардидааст. Дар зербоби сеюм, масъалаи бунёди неругоҳи мазкур ва аҳаммияти минтақавии он баррасӣ гардидааст.

Аз матни рисолаи илмӣ маълум аст, ки муаллиф зиёд кӯшиш намудааст, то манфиатҳои миллӣ ва давлатиро дифоъ намояд - ин дар шароити муосир шарти ҳатмии худшиносии миллӣ мебошад.

Хулосаи диссертатсия хуб тартиб дода шуда, мантиқан дуруст ва илман асосноканд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар бандҳо ва тавсияҳои амалӣ дар 6 банд пешниҳод шудааст, ки аҳаммияти назариявию амалӣ доранд ва метавонанд дар фаъолияти илмӣ истифода шаванд.

Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ диссертатсияи мустақили илмӣ-тахассусии анҷомёфтаро оид ба мавзуи мубрами илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ пешниҳод намудааст, ки муқаррароти асосии он дар автореферати диссертатсия инъикоси худро ёфтааст. Автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқат менамояд.

Қайд кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Алимардонзода З.Ф. бори аввал мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст, аз ин сабаб мавзуи диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Алимардонзода З.Ф. илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷиро ғанӣ мегардонад, зеро муаллиф таҳлили ақидаҳои гуногунро бо маҳорат гузаронда, дар диссертатсия самтҳои асосии афзалиятноки ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказиро пешниҳод мекунад, ки ба ташаккули низоми амнияти энергетикии минтақавии Осиёи Марказӣ мусоидаткунанда аст.

Ҳамзамон дар баробари комёбиҳо, диссертатсия аз камбудиҳо холӣ набуда, пешниҳоди эродҳои мазкур зарурӣ мебошад:

**Якум**, ҳангоми таҳлили гурӯҳи сеюми дараҷаи омӯзиши таҳқиқот, муаллиф диссертатсия ва авторефератҳои олимони тоҷикро шарҳи муфассал надодааст. Ҳамзамон, дар қисмати мазкур, таҳқиқоти

диссертатсионии номзадию доктории олимони кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ аз таваҷҷуҳи муаллиф дур мондааст.

**Дуюм**, дар зербоби якуми боби якум захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавозуни энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф ҳангоми таҳқиқот аксаран маълумотҳоеро ғирд овардааст, ки хусусияти оморӣ дошта, аз мавзуи баррасишаванда аз лиҳози замонӣ дур мебошад. Ҳамзамон, ин масъала дар зербобҳои дигар низ мушоҳида мешавад. Хуб мешуд муаллиф давраи муосири масъалаи баррасишавандаро таҳқиқ менамуд.

**Сеюм,** дар зербоби дуюми боби якум натиҷагирӣ ва хулосабарории муаллиф кам ба назар намерасад. Ҳамчунин, дар бораи мушкилоти мавҷуда, ҷиҳати бунёди комплекси гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имкониятҳои мусоиди он барои кишварҳои Осиёи Марказиро муаллиф ба пуррагӣ шарҳ надодааст.

**Чорум,** зербоби дуюми боби дуюм ба таҳқиқи ҳамкориҳо дар сармоягузорӣ, лоиҳакашӣ ва истифодаи неруи зеҳнӣ – техникӣ дар соҳаи гидроэнергетикӣ бахшида шудааст, аммо аз назари муаллиф баъзе самтҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, дар самти сармоягузориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ба бахши гидроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баръакс дур мондааст.

**Панҷум**, дар диссертатсия баъзе ғалатҳои забонию мантиқӣ, аз қабили номҳои баъзе аз давлатҳо ва созмонҳо, ҳамзамон, камбудиҳои имлоӣ техникӣ ва мантиқӣ ба назар мерасанд.

Новобаста аз камбудиҳою эродҳои ироа шуда, диссертатсия арзандаи баҳои мусбӣ буда, ба тамоми талаботҳое ҷавобгӯ мебошад, ки барои таҳияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод мешавад.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ дар мавзуи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» ба талаботи бандҳои 31, 32, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо 26.06.2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6 D020300 – Таърих (6 D020201- таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсенти кафедраи дипломатия ва**
**муносибатҳои байналмилалии**
**Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Насридинзода**
**Меъроҷиддин Насридин**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Ҳисор, ҷ/д Ҳисор, д. Боғ, х. 46;
Тел.: (+992) 938-14-44-48; Е-шай: muborak.a@mail.ru

**Имзои Насридинзода М.Н.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои**
**махсуси Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Насурдинзода**
**Аслиддин Насурдин**

Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ, кучаи Саид Носир 33, тел.: 224-17-86, факс: 224-89-45, e-mail: info@apa.tj 02.09.2025